Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Зикирзода Ҳобил дар мавзуи «Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа

Дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон тибқи Конститутсия ва қонунҳои дигари он шахс ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ба мадди аввал гузошта шудааст. Риоя намудани онҳо ба ташаккул ёфтани ризоияти шаҳрвандӣ мусоидат намуда, барои барангехтани низоъҳои қавмӣ ва динӣ-мазҳабӣ монеъ мешаванд. Бинобар ҳамин, дар ҷомеаи Тоҷикистон инкишоф додани идеяи озодии инсон ҳамчун яке аз масъалаҳои ҷаҳоншумуле, ки асоси бунёди ҷомеаи кушоди шаҳрвандӣ, давлати ҳуқуқбунёд мебошад, аҳамияти дарки фалсафии масъалаи озодиро дар доираи арзишҳои фарҳангӣ-таърихӣ (дар мисоли машшоияи шарқӣ) дар шароити куллан тағйирёфтаи иҷтимоӣ-фарҳангии кишвар ба миён меоварад. Чуноне, ки аз таҳлилҳо бармеояд, масъалаи озодӣ дар доираи таълимоти умумиисломӣ ва мактабҳои ақлгарои он ба ин ё он дараҷа таҳқиқ ёфтаанд, аммо дар нисбати таълимоти машшоиёни шарқӣ дар бораи озодӣ то ҳол ягон таҳқиқоти мушаххас ва мукаммал ба анҷом нарасидааст.

Диссертант дар рисолаи хеш мақсад ва вазифаҳои илмӣ гузошта, бо истифода аз усулҳои илми муосир масъалаҳои омӯзиши асосҳои фалсафии ташаккулёбии ғояҳо ва консепсияҳо дар бораи озодӣ, хусусиятҳои он дар таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ, муайян намудани омилҳои назариявӣ-методологӣ, тасвири таърихӣ-фалсафии олам аз нигоҳи машшоияи шарқӣ ҳамчун мактаби ақлгароии ислом, масъалаи озодӣ дар доираи таъриф, мабодӣ (принсипҳо), ошкор ва дақиқ намудани хусусиятҳои озодии инсон ва ҳудудҳои он дар муносибат бо ҳокимияти динӣ, сиёсӣ ва асоснок кардани он, ки ташаккули ин хусусиятҳо дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ дар доираи

меъёрҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ таҳлилу баррасӣ намуда, аз тадқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ васеъ истифода намудааст.

Навгонии диссертатсия дар он ифода мегардад, ки он тадқиқоти ба анҷом расида буда, озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бори аввал мавриди таҳқиқи маҷмӯӣ қарор гирифта аст.

Диссертатсияи Зикирзода Ҳобил аз муқаддима, се боб, ёздаҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, 348 саҳифаи чопиро дар бар мегирад.

Унвонҷӯ дар боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявӣ-методологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ", ки аз се зербоб иборат аст: "Мафҳуми озодии инсон: таъриф, принсипҳо ва усулҳои фалсафии таҳқиқот", "Омилҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва сарчашмаҳои ғоявии пайдоиш ва ташаккулёбии масъалаи озодии инсон дар таълимоти фалсафӣ-динии Шарқи мусулмонӣ" ва "Ақлгароӣ ҳамчун равиши асосии баррасии масъалаҳои фалсафӣ дар таълимоти машшоияи шарқӣ"- ро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Метавон гуфт, ки унвонҷӯ дар таҳқиқи масъалаи мазкур дар ақоиди мутафаккирони машшоияи шарқӣ ҳамон усулҳо ва принсипҳоеро ба кор бурдааст, ки барои ошкор намудани лаҳзаҳои сифатан шабеҳ ва моҳиятан мухталифи ин масъала дар таҳаввулоти таърихии як равиш (ратсионалист ё ирратсионалист) мақоми калидӣ доштанд, таҳлил кардааст.

Унвонҷӯ боби дуюми диссертатсияро "Ҷанбаҳои онтологии масъалаи озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ" номгузорӣ намуда, масоили зеринро дар чор зербоб ба риштаи таҳқиқ кашида аст. Зербоби якум "Масъалаи озодии инсон дар бахшҳои умумионтологӣ", зербоби дуввум "Ҷабр ва ихтиёр - мафҳумҳои муайянкунандаи моҳияти фармонбардорӣ ва озодии инсон", зербоби сеюм "Қазо ва қадар ва таносуби онҳо бо озодии инсон" ва зербоби чаҳорум масъалаи "Озодии ирода ва тазоди он бо ҷабр ва қазову қадар" мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст.

Дар боби сеюм, ки “Озодии шахс ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дар таълифоти машшоияи шарқӣ” ном гирифтааст, унвонҷӯ Зикирзода Ҳобил онро дар чор зербоб таҳлили амиқу дақиқ намудааст. Ба монанди: “Озодӣ ва масъулияти ахлоқии шахс”, “Адолат ҳамчун заминаи асосии инсон”, “Озодии шахс дар муносибат бо ҳокимияти сиёсӣ-иҷтимоӣ” ва “Таълимоти машшоиёни шарқӣ оид ба озодии инсон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ-иҷтимоӣ” мавриди баррасӣ қарор дода аст.

Ҳамчунин унвонҷӯ Ҳобил Зикирзода дар ин боб дар асоси таҳлили муҳокимаҳо ва мубоҳисаҳо ба чунин хулоса омадааст, ки барои мутафаккирони машшоияи шарқӣ озодӣ танҳо маҳсули тахайюлот ва ё таҳқиқоти назариявӣ набудааст. Дар маҷмуъ онҳо консепсияи озодиро дар чаҳорчӯбаи қонунҳои динӣ ва иҷтимсоӣ таҳия кардаанд, ки аз ҳаёти ҳаррӯзаи одамон дар ҷомеаҳои онҳо илҳом гирифтааст.

Муҳим он аст, ки мулоҳизоту хулосаҳои унвонҷӯ боварибахш ва бо далелҳои муътамад исбот карда мешаванд. Ҳ.Зикирзода тавонистааст, ки ҳам дар муқаддима ва ҳам дар бобҳою зербобҳои дохилии диссертатсия аз далелҳои илмӣ ва маводи илмӣ истифода бурда, нуқтаи назари хешро бо мисолҳои мушаххас исбот намояд. Мусаллам аст, ки унвонҷӯ дар тӯли заҳмати чандсолааш маводи фаровони илмиро марбут ба мавзуи “Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ“ ҷамъоварӣ намуда, онро тадқиқ намуда аст.

Хулоса ва натиҷаҳои илмии дар рафти тадқиқот ҳосилгардидаро метавон дар илми муосири таърихи фалсафа ва афкори фалсафӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ васеъ истифода намуд.

Новобаста ба хатогиҳои техникӣ диссертатсияи Зикирзода Ҳобилҷон дар мавзуи “ Озодии инсон дар фалсафаи машшоияи шарқӣ”, кори анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ” ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯ Зикирзода Ҳобил натиҷаи кори мустақилонаи эҷодии муҳаққиқ буда, дар сатҳи назарраси илмӣ иншо гардидааст, ақидаҳои пешниҳодшуда аҳамияти амалӣ доранд ва муаллиф ба унвони илмии доктори илмҳои фалсафа, аз рӯи ихтисоси 09.00.03 - таърихи фалсафа сазовор мебошад.

Директори Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои фалсафа,
профессор Ҳайдарзода Р.Ҷ.

Имзои Р.Ҷ. Ҳайдарзодаро тасдиқ менамоям,
нозири калони кадрҳои Институти омӯзиши масъалаҳои
давлатҳои Осиё ва Аврупои Академияи миллии илмҳои
Тоҷикистон Зуҳуров А. Я.